## СУРАТМАҶЛИСИ № 46

Ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-001

12 -уми марти соли 2024 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 15 аъзои Шуро, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2021, №311/01шд тасдиқ шудааст, 11 нафар иштирок доранд. Аз онҳо 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аъзои дигари Шурои диссертатсионӣ бо сабабҳои узрнок иштирок надорад. Аксарияти аъзои Шурои диссертатсионӣ ҳузур доранд. Бинобар ин, Шуро салоҳият дорад, ки ба кори худ оғоз намояд.

Пешниҳод шуд, ки маҷлиси Шурои диссертатсионӣ кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул шуд.

### РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

1. **Дар бораи ташкили комиссияи экспертии такрорӣ:**

1. Раиси Шурои диссертатсионӣ доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Зокиров Г.Н. дар бораи пешниҳоди такрории диссертатсияи номзадии Музафарзода Фазлиддин дар мавзуи “Ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ (нигоҳи геополитикӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04. – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ иброз намуд.

Пешниҳод намуд, ки барои баррасии диссертатсия комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои сотсиология, профессор Шоисматуллоев Ш., доктори илмҳои фалсафа Маҳмадизода Н.Д. ва доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Азиззода У.А. ташкил карда шавад.

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Комиссияи экспертии такрорӣ оид ба диссертатсияи Музафарзода Фазлиддин дар мавзуи “Ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ (нигоҳи геополитикӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04. – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ таъйин карда шавад.

2. Ба ҳайати комиссияи экспертӣ дохил карда шаванд:

- доктори илмҳои сотсиология, профессор Шоисматуллоев Ш.:
- доктори илмҳои фалсафа Маҳмадизода Н.Д.;
- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Азиззода У.А.

**Қарор бо овоздиҳии ошкоро якдилона қабул карда шуд.**

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои сиёсӣ, профессор /______________/ Зокиров Г.Н.

И.в. котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои таърих /______________/ Акрамӣ З.И.